**ТАҚРИЗИ**
**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Маҷидзода Бахринисо Махмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст**

Забони илмӣ ва истилоҳоти соҳавӣ яке аз нишонаҳои асосии рушди ҳар забони миллӣ ба ҳисоб мераванд. Забоне, ки имкони дақиқ ифода кардани мафҳумҳои илмӣ ва касбиро дорад, метавонад талаботи соҳаҳои гуногуни донишро қонеъ намояд. Аз ин рӯ, омӯзиши таърих, маъно, сохтор ва роҳҳои ташаккули истилоҳоти тиббии тоҷикӣ ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам арзиши амалӣ дорад. Мавзуи интихобкардаи Маҷидзода Бахринисо Махмадҷон ба ҳамин масъалаи муҳим бахшида шуда, аз нигоҳи самт ва маводи таҳқиқ саривақтӣ мебошад.

Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки истилоҳоти тиббии тоҷикӣ таърихи тӯлонӣ дошта бошад ҳам, бисёр ҷанбаҳои он дар заминаи осори хаттии асримиёнагӣ ҳанӯз пурра таҳқиқ нашудаанд. Омӯзиши чунин сарчашмаҳо барои муайян намудани раванди ташаккули забони илм, имконоти истилоҳсозии тоҷикӣ, муносибати вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ ва пайванди истилоҳоти классикӣ бо забони муосири тиб аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, интихоб гардидани «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ ҳамчун манбаи асосии таҳқиқ аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад.

«Тибби Мансурӣ» масъалаҳои анатомия, беморишиносӣ, дорушиносӣ, гиёҳдармонӣ, ғизошиносӣ ва роҳҳои табобату пешгирии бемориҳоро фаро гирифта, барои омӯзиши номҳои узвҳо, бемориҳо, нишонаҳо, гиёҳу доруҳо ва амалҳои табобатӣ маводи фаровон пешниҳод мекунад. Муаллифи диссертатсия истилоҳоти асарро аз ҷиҳати маъно, сохтор, калимасозӣ ва баромади забонӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Дараҷаи омӯзиши масъала дар рисола бо такя ба назарияҳои умумии истилоҳшиносӣ, таҳқиқоти калимасозӣ ва асарҳои марбут ба истилоҳоти тиббӣ нишон дода шудааст. Муаллиф корҳои забоншиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла пажуҳишҳои вобаста ба осори Аҳмади Ахвайнии Бухороӣ, Ибни Сино ва дигар сарчашмаҳои тиббиро баррасӣ намуда, ҷойгоҳи таҳқиқи худро муайян кардааст. Аз ин баррасӣ бармеояд, ки истилоҳоти «Тибби Мансурӣ» то ҳол дар шакли таҳқиқоти махсус ва фарогир кам омӯхта шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ба мавзуъ мувофиқанд. Муаллиф ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии истилоҳоти тиббӣ, муайян намудани хусусиятҳои маъноию

мавзуӣ, таҳлили истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва ибораистилоҳҳо, нишон додани нақши пешванду пасвандҳо ва муайян кардани мавқеи истилоҳоти аслӣ, арабӣ, юнонӣ ва ҳиндиро вазифаҳои асосӣ қарор додааст. Ин вазифаҳо барои тавсифи нисбатан мукаммали низоми истилоҳоти тиббии асар заминаи кофӣ фароҳам овардаанд.

Объект ва предмети таҳқиқ дуруст муайян шудаанд. Объекти кор матни «Тибби Мансурӣ» ва предмети он хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ, калимасозӣ, басомад ва мансубияти забонии истилоҳоти тиббӣ мебошад. Дар кор усулҳои тавсифӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили сохторию маъноӣ ва гурӯҳбандии мавзуӣ истифода шудаанд. Истифодаи фарҳангҳои тафсирӣ, луғатҳои соҳавӣ ва вожаномаҳои тиббӣ барои муайян кардани маънои истилоҳҳо низ ба мақсади таҳқиқ мувофиқ аст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он аст, ки хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ ва баромади забонии истилоҳоти тиббии «Тибби Мансурӣ» дар доираи як кори мустақил мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф истилоҳҳоро ба гурӯҳҳои сода, сохта, мураккаб ва ибораистилоҳҳо ҷудо намуда, дараҷаи маҳсулнокии воситаҳои калимасоз, қолабҳои асосии истилоҳоти мураккаб ва таркиби ибораистилоҳҳоро муайян кардааст. Ҳамчунин вожаҳои меҳварие нишон дода шудаанд, ки дар сохтани силсилаи зиёди номҳои тиббӣ иштирок менамоянд.

Ҷиҳати мусбати кор дар он аст, ки таҳлил танҳо бо овардани рӯйхати вожаҳо маҳдуд намешавад. Дар бисёр ҳолатҳо маънои истилоҳ бо маълумоти фарҳангҳо муқоиса шуда, мавқеи он дар матни асар шарҳ дода мешавад. Мисолҳои фаровон ва ишора ба саҳифаҳои сарчашма ба натиҷаҳои таҳқиқ асоси далелӣ мебахшанд. Ин тарзи кор имкон медиҳад, ки истилоҳ на танҳо ҳамчун калима, балки ҳамчун воҳиди низоми маъноии матни тиббӣ арзёбӣ гардад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Дар онҳо мавқеи «Тибби Мансурӣ» дар таърихи истилоҳоти тиббӣ, хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳҳо, нақши истилоҳоти аслӣ ва иқтибосӣ ва мансубияти онҳо ба бахшҳои гуногуни тиб баён шудаанд. Хулосаҳои асосӣ аз таҳлили бобҳо бармеоянд ва ба вазифаҳои дар муқаддима гузошташуда мувофиқат доранд.

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи истилоҳшиносии тоҷик, таърихи

забони илм, калимасозӣ, маъношиносӣ ва забони осори тиббии классикӣ истифода шаванд. Маводи ҷамъовардашуда имконоти истилоҳсозии забони тоҷикӣ ва пойдории як қисми вожаҳои меросиро нишон медиҳад.

Аҳаммияти амалии кор низ назаррас аст. Натиҷаҳои рисола метавонанд дар таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, луғатҳои тиббии тафсирӣ ва дузабона, дастурҳои таълимӣ аз истилоҳшиносӣ, лексикология, калимасозӣ ва таърихи забони тоҷикӣ истифода гарданд. Маводи диссертатсия барои дарсҳои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва курсҳои забони касбӣ низ муфид буда метавонад.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар ҷаласаҳо ва конференсияҳои илмӣ муҳокима гардидаанд. Доир ба мавзуи рисола 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Интишороти муаллиф самтҳои асосии таҳқиқро фаро гирифта, тасвиби натиҷаҳои корро нишон медиҳанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Сохтори интихобшуда мантиқӣ буда, аз масъалаҳои назарӣ ба таҳлили маводи мушаххас ва сипас ба баррасии мансубияти забонии истилоҳҳо мегузарад. Дар муқаддима мубрамӣ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, объекту предмет, усулҳо, навгонӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва дигар унсурҳои зарурии дастгоҳи илмӣ баён шудаанд.

Боби якум «Масъалаҳои омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносӣ» ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар фасли аввал мафҳуми истилоҳ, фарқи он аз калимаи маъмулии забон ва нишонаҳои асосии истилоҳ баррасӣ мешаванд. Муаллиф дақиқӣ, соҳавият, низоммандӣ ва тамоюл ба якмаъноиро ҳамчун хусусиятҳои муҳими истилоҳ шарҳ медиҳад. Баррасии андешаҳои гуногун оид ба сермаъноӣ, муродифӣ ва омонимии истилоҳҳо барои заминаи назарии кор аҳаммият дорад.

Дар фасли дуюм таърихи омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ баён шудааст. Муаллиф таҳқиқоти вобаста ба осори тиббии классикӣ, истилоҳоти пешобшиносӣ, даҳонпизишкӣ, номҳои бемориҳо ва гиёҳвожаҳоро баррасӣ мекунад. Ин фасл нишон медиҳад, ки истилоҳоти тиббӣ тадриҷан ба мавзуи мустақили таҳқиқ табдил ёфтааст, вале осори классикӣ ҳанӯз барои пажуҳиш имконоти зиёд дорад.

Фасли сеюм ба саҳми Закариёи Розӣ дар рушди тиб ва ташаккули истилоҳоти илмӣ бахшида шудааст. Дар он фаъолияти пизишкӣ, таҷрибагароӣ, саҳми ӯ дар беморишиносӣ ва дорушиносӣ баррасӣ мешавад. Дар фасли чорум сохтор ва муҳтавои «Тибби Мансурӣ» ҳамчун асари энсиклопедӣ тавсиф гардида, доираи мавзуъҳои он ва ҷойгоҳи таърихии асар нишон дода шудааст. Хулосаи боб зарурати омӯзиши таркиби истилоҳии сарчашмаро асоснок менамояд.

Боби дуюм, ки «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ» ном дорад, қисми асосӣ ва муфассали диссертатсия мебошад. Муаллиф аввал масъалаҳои калимасозӣ ва истилоҳсозиро баррасӣ карда, баъд истилоҳоти асарро аз рӯйи сохтор гурӯҳбандӣ менамояд. Чунин тартиб дуруст аст, зеро маълумоти назарӣ барои таҳлили воҳидҳои мушаххас замина мегузорад.

Истилоҳоти сода аз рӯйи маъно ва мавзуъ, аз ҷумла номи узвҳои бадан, бемориҳо, нишонаҳо, доруҳо ва гиёҳҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин воҳидҳо қисми бунёдии низоми истилоҳот буда, дар сохтани калимаҳои мураккаб ва ибораистилоҳҳо ҳамчун ҷузъи асосӣ хизмат мекунанд. Фаровонии мисолҳо ва шарҳи маънои онҳо арзиши ин фаслро баланд мебардорад.

Ҳангоми таҳлили истилоҳоти сохта нақши пешвандҳо ва пасвандҳо ҷудогона нишон дода шудааст. Натиҷаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки пешвандҳо дар маводи таҳқиқ каммаҳсуланд, дар ҳоле ки қисми зиёди истилоҳоти сохта бо пасвандҳо ба вуҷуд омадаанд. Пасвандҳои -а, -ак, -ӣ/-гӣ, -дон ва дигар воситаҳо бо мисолҳои мушаххас таҳлил шудаанд. Муайян кардани маҳсулнокии ин воситаҳо барои таърихи калимасозӣ ва истилоҳсозии тоҷикӣ муҳим аст.

Истилоҳоти мураккаб ба навъҳои пайваст, тобеъ, пасванддор ва омехта ҷудо гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки истилоҳоти мураккаби тобеъ мавқеи бештар доранд. Қолабҳои исм+исм, исм+сифат, исм+сифати феълӣ, сифат+исм ва дигар таркибҳо бо далелҳо оварда шудаанд. Ин таҳлил нақши ҳиссаҳои нутқ ва имконоти таркибсозии забони тоҷикиро дар номгузории мафҳумҳои тиббӣ равшан мекунад.

Таҳлили ибораистилоҳҳо яке аз бахшҳои ҷолиби боби дуюм мебошад. Онҳо аз рӯйи шумораи ҷузъҳо ба дуҷузъа, сеҷузъа, чорҷузъа ва бисёрҷузъа тақсим шудаанд. Муаллиф нақши алоқаи изофӣ ва вожаҳои меҳвариро нишон дода, шумораи ибораистилоҳҳои сохташуда бо калимаҳои беморӣ, нишона,

омос, дард, дору, равған, об, тухм, устухон ва ғайраро муайян кардааст. Ин маълумот барои омӯзиши майдонҳои луғавию маъноӣ ва роҳҳои номгузории тиббӣ аҳаммият дорад.

Хулосаи боби дуюм натиҷаҳои асосии таҳлили сохториро ҷамъбаст мекунад. Дар он ҷойгоҳи истилоҳоти сода, каммаҳсулии пешвандҳо, фаъолияти бештари пасвандҳо, бартарии истилоҳоти мураккаби тобеъ ва накши муҳими ибораистилоҳҳо таъкид шудааст. Ин натиҷаҳо аз маводи таҳлилшуда бармеоянд ва дар маҷмуъ асосноканд.

Боби сеюм «Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ» ном дошта, ба баромади забонии вожаҳо бахшида шудааст. Муаллиф истилоҳҳоро ба аслӣ ва иқтибосӣ ҷудо карда, нахуст мавқеи вожаҳои эрониаслро нишон медиҳад. Дар ин қисм пойдории як қатор номҳои узвҳо, бемориҳо, амалҳои физиологӣ ва маводи табобатӣ дар забони имрӯзӣ хуб инъикос шудааст.

Дар фаслҳои минбаъда истилоҳоти юнонӣ, ҳиндӣ ва арабӣ баррасӣ мешаванд. Барои бисёр воҳидҳо маъно, вазифаи тиббӣ ва шарҳи луғавӣ оварда шудааст. Муаллиф ба хулоса меояд, ки дар миёни вожаҳои иқтибосӣ истилоҳоти арабӣ серистеъмол буда, вожаҳои юнонӣ ва ҳиндӣ бештар дар номгузории доруҳо, гиёҳҳо, бемориҳо ва мафҳумҳои тибби қадим ба кор рафтаанд. Ин натиҷа робитаҳои таърихии илми тиб ва роҳҳои интиқоли донишҳои пизишкиро нишон медиҳад.

Хулосаи умумии диссертатсия аз 17 банд иборат буда, мазмуни бобҳоро фаро мегирад. Дар он ҷойгоҳи «Тибби Мансурӣ» ҳамчун манбаи таърихи истилоҳоти тиббӣ, имконоти калимасозии забони тоҷикӣ, мавқеи истилоҳоти сода, мураккаб ва ибораистилоҳҳо ва хусусияти вожаҳои иқтибосӣ ҷамъбаст шудаанд. Тавсияҳои амалӣ ба истифодаи маводи рисола дар таълим, луғатнигорӣ ва таҳияи дастурҳои соҳавӣ равона гардидаанд.

Автореферат дар маҷмуъ муҳтавои асосии диссертатсия, навгонӣ, сохтори бобҳо ва натиҷаҳои асосиро инъикос мекунад. Забони рисола асосан илмӣ ва фаҳмо буда, истилоҳоти забоншиносӣ ва тиббӣ дар доираи меъёрҳои забони адабӣ истифода шудааст.

Бо вуҷуди арзиши илмӣ ва натиҷаҳои муҳим, дар рафти мутолиаи диссертатсия чанд масъала ба назар расид, ки шарҳи иловагӣ ё такмили минбаъдаро талаб мекунанд:

1. «Тибби Мансурӣ» аслан ба забони арабӣ таълиф шуда, маводи таҳқиқ аз тарҷумаи тоҷикии соли 2016 гирифта шудааст. Бинобар ин, ҳангоми ба Закариёи Розӣ нисбат додани баъзе қолабҳои калимасозӣ ва ибораистилоҳҳои тоҷикӣ саҳми тарҷумон ва муҳаррири матни тоҷикӣ бояд равшантар ҷудо карда мешуд. Муқоисаи интихобии воҳидҳои асосӣ бо матни арабӣ ё нашри муътабари форсӣ эътимоднокии хулосаҳои таърихию этимологиро бештар мекард.

2. Дар фаслҳои алоҳида шумораи баъзе ибораистилоҳҳо ва вожаҳои меҳварӣ оварда шудааст, вале ҷадвали умумии оморӣ пешниҳод нагардидааст. Агар микдор ва фоизи истилоҳоти сода, сохта, мураккаб, ибораистилоҳҳо ва гурӯҳҳои забонӣ дар як ҷадвал нишон дода мешуд, хулосаҳо дар бораи каммаҳсулӣ, серистеъмолӣ ва бартарии гурӯҳҳо боз ҳам далелноктар мегардиданд.

3. Дар қисми назариявӣ андешае нисбатан қатъӣ баён шудааст, ки истилоҳ сермаъноӣ, муродифӣ ва омонимиро намепазирад. Дар истилоҳшиносии муосир ин хусусиятҳо бештар ҳамчун талаботи меъёрӣ ба низоми истилоҳот фаҳмида мешаванд. Дар истифодаи воқеӣ, махсусан дар матнҳои таърихӣ, сермаъноӣ, вариантнокӣ ва муродифии истилоҳӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, фарқ гузоштан байни меъёри истилоҳ ва рафтори воқеии он дар матн таҳлилро дақиқтар мекард.

4. Дар боби сеюм мансубияти забонии вожаҳо асосан аз рӯйи маълумоти фарҳангҳо муайян шудааст. Барои баъзе номҳои дору ва гиёҳ роҳи воридшавии вожа метавонад мураккаб бошад: решаи он юнонӣ ё ҳиндӣ буда, аммо тавассути арабӣ ё форсӣ ба матн гузаштааст. Ҷудо кардани манбаи аслии этимологӣ аз забони миёнарав ва муқоисаи чанд фарҳанги этимологӣ натиҷаҳои бобро мукаммалтар менамуд.

Эзоҳҳои мазкур асосан хусусияти тавсиявӣ ва таҳрирӣ дошта, арзиши илмӣ ва аҳаммияти натиҷаҳои асосии диссертатсияро кам намекунанд. Ба назар гирифтани онҳо метавонад матни рисоларо такмил дода, барои омода намудани монография, фарҳанги соҳавӣ ё таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ» таҳқиқоти мустақил ва анҷомёфта мебошад. Дар он маводи фаровони луғавӣ ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ шуда, хусусиятҳои маъноӣ ва

сохтории истилоҳоти тиббӣ, роҳҳои калимасозӣ, қолабҳои истилоҳоти мураккаб ва ибораистилоҳҳо ва баромади забонии вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ таҳлил гардидаанд.

Натиҷаҳои кор дорои унсурҳои нав буда, барои рушди истилоҳшиносии тоҷик, таърихи забони илмӣ, калимасозӣ ва луғатнигории тиббӣ аҳаммият доранд. Хулосаҳои асосӣ аз маводи таҳлилшуда бармеоянд, дар мақолаҳои муаллиф инъикос ёфтаанд ва автореферат муҳтавои асосии рисоларо дуруст ифода мекунад.

Аз рӯйи мазмун, сохтор, навгонӣ, асоснокии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии худ диссертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он – Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**Некушоева Шахло Саиднуриддиновна,**
номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ

**Суроғаи муассиса:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4
Тел.: +992 935 971 176
E-mail: nekushoevash@gmail.com

Имзои номзади илмҳои филологӣ Некушоева Ш.С.-ро тасдиқ мекунам.
Нозири клаони шуъбаи кадрҳои Институти илмҳои гуманитарии АМИТ
Искандаршоева Замира

«14» сентябри 2026 с.